# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ВИЛОЯТИ СУҒД
## РАИСИ ШАҲРИ ХУҶАНД
## ҚАРОР

«02» 08 2012 с

ш.Хуҷанд.

№ 347

Дар бораи додани
қитъаи замин барои сохтмон

Мутобиқи моддаҳои 19, 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаҳои 11, 26, 30, $77^1$, $77^2$ ва $77^5$ Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти пешниҳоди кумитаи заминсозии шаҳри Хуҷанд аз 27 июли соли 2012, № 97 қ а р о р м е к у н а м;

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мабетс» барои сохтмони хонаи истиқоматии бисёрошёнаи (9-қабата) бо нуқтаҳои хизматрасонӣ ва нуқтаи савдо аз ҳисоби заминҳои шаҳр қитъаи замин, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 19, ба масоҳати умумии 4053,73 $м^2$, барои истифодабарии бемӯҳлат ҷудо карда дода шавад.

2. Ба кумитаи заминсозии шаҳр барои ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мабетс» тибқи тартиби муқарраргардида додани Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин иҷозат дода шавад.

3. Ба сохтмони иншоот пас аз гирифтани Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ва иҷозатномаи сохтмон аз шӯъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳр оғоз карда шавад.

4. Ба инобат гирифта шавад, ки тибқи талаботи банди «в», моддаи 37 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз ҷониби заминистифодабаранда истифода набурдани қитъаи замин дар давоми 3 (се) сол ҳуқуқи истифодаи замин қатъ гардонида мешавад.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Раиси шаҳр Абдуллоев Д.Ҷ. гузошта шавад.

Раиси шаҳр Р.Каримов

www.kohitobon.tj

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ВИЛОЯТИ СУҒД
## РАИСИ ШАҲРИ ХУҶАНД
## ҚАРОР

ш.Хуҷанд

аз "23" 12 2014 с №777

**Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Раиси шаҳри Хуҷанд аз 02 августи соли 2012, №347 «Дар бораи додани қитъаи замин барои сохтмон»**

Мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаҳои 14, 15 ва 17 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти пешниҳоди шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд аз 04 декабри соли 2014, №35, қ а р о р  м е к у н а м:

1. Ба банди 1-и қарори Раиси шаҳри Хуҷанд аз 02 августи соли 2012, №347 «Дар бораи додани қитъаи замин барои сохтмон», ки ба ҶДММ «Мабете», барои сохтмони хонаи истиқоматии бисёрошёна (9-қабата) бо нуқтаҳои хизматрасонӣ ва нуқтаи савдо аз ҳисоби заминҳои шаҳр қитъаи замини воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 19, ба масоҳати умумии 4053,73, барои истифодабарии бемуҳлат ҷудо карда дода шудааст, тағйироту иловаҳои зайл ворид карда шавад:

- рақам ва калимаи (9 қабата) ба (12 қабата) иваз карда шавад;
- пас аз ибораҳои нуқтаи савдо ибораҳои ва дар зери бино таваққуфгоҳи нақлиёти сабукрав бо назардошти майдончаи варзишии бачагона илова карда шавад.
- банди 1-и қарори Раиси шаҳри Хуҷанд аз 02 августи соли 2012, №347 «Дар бораи додани қитъаи замин барои сохтмон», ки ба ҶДММ «Мабете», барои сохтмони хонаи истиқоматии бисёрошёна (9-қабата) бо нуқтаҳои хизматрасонӣ ва нуқтаи савдо ва дар зери бино таваққуфгоҳи нақлиёти сабукрав бо назардошти майдончаи варзишии бачагона аз ҳисоби заминҳои шаҳр қитъаи замини воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 19, ба масоҳати умумии 4053,73, барои истифодабарии бемуҳлат ҷудо карда дода шудааст ба инобат гирифта шавад.

2. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Раиси шаҳр Абдуллоев Д.Ҷ. гузошта шавад.

Раиси шаҳр Раҷаббой Аҳмадзода

Шуъбаи умумӣ, назорат ва мурочиати шаҳрвандон

www.kohitobon.tj